«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
профессор Хушвахтзода Қ.Х. ____________
аз «24» январи соли 2020

# ХУЛОСАИ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи **Бобохонзода Раҷабалӣ Хайрулло** дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ҳифзи бозори дохилӣ дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС)» аз рӯи ихтисоси 08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ, дар кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия **Бобохонзода Раҷабалӣ Хайрулло** аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

**Бобохонзода Раҷабалӣ Хайрулло** соли 2016 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси «Технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт» хатм карда, аз ҳамон сол инҷониб ба ҳайси ассистент, муаллими калони кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донигоҳи миллии Тоҷикистон адои вазифа карда истодааст.

Аз соли 2017 аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Маълумотнома дар бораи имтиҳонҳои номзадии супоридашуда аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 2.10.2020, таҳти №4057 дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Шамсов Илёсҷон Сафарович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Диссертатсияи Бобохонзода Р.Х. дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои «Иқтисодиёти ҷаҳонӣ» ва «Системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт» - и ДМТ ба таври ошкоро аз 25 январи соли 2020, суратҷаласаи №6 муҳокима гардид. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссетратсия дар мавзӯи «Мукаммалгардонии

механизми ҳифзи бозори дохилӣ дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**1. Баҳодиҳии иҷрои рисолаи илмӣ.** Диссертатсияи Бобохонзода Раҷабалӣ Хайрулло дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ҳифзи бозори дохилӣ дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо» ба омӯзиши масъалаҳои асосноксозии назариявии муқаррароти консептиалии истифодабарии чораҳои ҳифзи бозори дохилӣ дар доираи СУС ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба мукаммалгардонии механизми ҳифзи бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иштирок дар низоми созишномаҳои бисёрҷонибаи савдо бахшида шудааст. Таҳқиқоти илмӣ бо забони шевои тоҷикӣ ва бо асосноккунии илмӣ навишта шуда, тадқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Дар рисолаи илмӣ мақсад ва вазифаҳо пурра иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**2. Саҳми шахсии унвонҷӯй.** Тамоми марҳилаҳои татбиқи нақшаи кори диссертатсионӣ, ба монанди коркарди мавзӯъ, асосноксозӣ ва мубрамияти он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудаанд. Муаллиф дар таҳқиқи асосҳои назариявии ҳифзи бозори дохилӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, баҳогузории вазъи муосир ва тамоюлоти рушди бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мукаммалгардонии механизми ҳифзи бозори дохилӣ дар шароити аъзогӣ дар СУС ва муайянсозии самтҳои ояндадори ҳифзи бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити аъзогӣ дар СУС саҳмгузор аст.

**3. Усулҳои таҳқиқот**. Дар раванди кори мазкур усулҳои умумиилмӣ, аз ҷумла, абстраксияи илмӣ, таҳлил ва синтез, моделсозӣ, гурӯҳбандии оморӣ, муқоиса, тасниф, баҳогузориҳои экспертӣ, пурсишномаи назарсанҷӣ ва ғайра мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо озмоишҳо, саҳеҳии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва озмоишӣ асос ёфтаанд.

**4. Заминаи методологӣ ва назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро** асарҳои олимону иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ ташкил додаанд, ки қонуниятҳои ташаккул ва рушди бозори дохилиро ошкор намудаанд. Дар рафти таҳқиқот асарҳои иқтисодчиёни ватанӣ оид ба рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии

сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи конференсияҳои илмӣ ва семинарҳо, Интернет-захираҳо, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ва ғ. мавриди истифодабарӣ қарор гирифтаанд.

**Навгонии илмии** таҳқиқоти диссертатсионӣ аз асосноксозии назариявии чораҳои консептуалӣ оид ба рушди бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коркарди тавсияҳои амалӣ доир ба мукаммалгардонии механизми ҳифзи бозори дохилӣ дар шароити аъзогӣ дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) иборат мебошад. Натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, инҳоянд:

- ҷанбаҳои назариявии механизми ҳифзи бозори дохилӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, моҳият ва аҳамияти протексионизм дар шароити ҷаҳонишавӣ аниқ карда шуда, муносибат нисбат ба шарҳи мафҳуми протексионизм ҳамчун чораи сиёсати савдои хориҷӣ, ки ҳифзи интихобӣ ва ё дастгирии соҳаҳои мухталифи иқтисоди мамлакатро пешбинӣ менамояд, таҳқиқ карда шуда, марҳилаҳои асосии рушди сиёсати протексионистӣ муайян карда шуда, зарурияти он барои мамлакатҳои иқтисодашон дар давраи гузариш қарордошта то лаҳзаи мутобиқшавии иқтисоди онҳо ба рақобати устувор пешниҳод карда шудааст;

- чораҳои ҳифзи бозори дохилӣ ба низом даровarда шуда, муносибатҳои консептуалӣ оид ба истифодабарии онҳо дар доираи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) муайян карда шуда, механизми иқтисодии истифодабарии чораҳои зиддидемпингӣ, ҷубронӣ ва чораҳои махсуси ҳифзи бозори дохилӣ дар шароити исботи таҳдиди зарари он ба рушди иқтисоди миллӣ коркард гардидааст;

- заминаҳои институтсионалиии истифодабарии чораҳои ҳифзи бозори дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, тамоюли асосии рушди бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аниқ карда шуда, зарурияти ҳифзи молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар шароити афзоиши воридот асоснок карда шудааст;

- вазъи бозори истеъмолӣ баҳогузорӣ карда шуда, мушкилоти рушди он ошкор гардида, ҳамчунин шартҳои истифодабарии чораҳои муҳофизатӣ бо мақсади ҳифзи манфиатҳои субъектҳои бозори ватанӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити боловарии дараҷаи кушоди иқтисодиёт муайян карда шудаанд;

- механизми асосноксозӣ ва истифодабарии чораҳои ҳифзи бозори дохилӣ дар шароити аъзогӣ дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо дар асоси ҳисоб карда баромадани индекси афзалияти нисбии мамлакат дар савдои хориҷӣ коркард гардида, гурӯҳбандии секторҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи маҳакҳои рақобатпазирӣ пешниҳод гардидааст;

- самтҳои асосии мукаммалгардонии механизми ҳимояи бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити аъзогӣ дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) бо асосноксозии дастгирии давлатии субъектҳои бозори дохилӣ, таҷрибаи хориҷии дастгирии давлатӣ ва роҳҳои истифодабарии чораҳои муҳофизатӣ дар шароити узвият муайян карда шудаанд;

- тавсияҳои илмию амалӣ оид ба мукаммалгардонии сохтори бозори дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд, ки таҷдиди сохтори бозори дохилиро бо роҳи баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ, коркард ва татбиқи сиёсати ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, бо истифодабарии чораҳои ғайритарифавӣ, ки ба қоидаҳои СУС мухолифат наменамоянд, пешбинӣ менамоянд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**. Татбиқи пешниҳодоти дар диссертатсия ҷойдошта оид ба истифодабарии чораҳои ҳифзи бозори дохилӣ ба муносибгардонии сохтори бозори дохилӣ, баландбардории рақобатпазирии соҳаҳои ватании саноат ва хоҷагии қишлоқ, ташаккули сохтори дилхоҳи бозори миллии озуқаворӣ, мустаҳкамсозии мавқеи молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозори дохилӣ, коркарди консепсияи давлатӣ оид ба ташаккули механизми самараноки ҳифзи бозори дохилӣ дар шароити аъзогӣ дар СУС мусоидат хоҳад кард. Муқаррарот ва хулосаҳои назариявии дар диссертатсия ҷойдоштаро дар раванди таълим ҳангоми хондани лексия аз рӯи фанҳои «Иқтисоди ҷаҳон», «Иқтисоди миллӣ», «Иқтисоди корхонаҳо ва соҳаҳо», «Рушди устувори иқтисодӣ» ва ғайра метавон истифода бурд.

**5. Алоқамандии мазмуни рисолаи илмӣ бо интихоби ихтисос.** Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.14 – иқтисоди ҷаҳон мувофиқат менамоянд: 9. Ташкилотҳои байналмилалии иқтисодӣ ва нақши онҳо дар танзими иқтисоди ҷаҳон. Иштироки Тоҷикистон дар ин раванд. 11. Механизмҳои танзими савдои байналмилалӣ. 26. Манфиатҳои иқтисоди хориҷии Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ ва дар муносибат бо мамлакатҳои ҷудогона ва гурӯҳи мамлакатҳо. Масъалаҳои геоиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, афзалиятҳои стратегӣ ва дурнамои иқтисоди хориҷӣ. 27. Амнияти байналмилалӣ ва миллии иқтисодӣ. Асосҳои назариявӣ ва методологии таъмини амнияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 28. Роҳҳо ва шаклҳои ҳамгироии Тоҷикистон ба низоми робитаҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ. Хусусиятҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар сатҳи корхонаҳо,

соҳаҳо ва минтақаҳо. 29. Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақсимоти байналмилалии меҳнат. Ташаккул ва дурнамои рушди иқтидори содиротӣ ва талаботҳои воридотии иқтисоди Тоҷикистон. Имконияти беҳтар сохтани махсусгардонии истеҳсолоти байналмилалӣ дар Тоҷикистон.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия**. Муаллиф аз рӯи мавзӯи таҳқиқот 10 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми умумии 6,5 в.ч., аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия гардидаанд, ба табъ расонидааст.

**Сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Кори мазкур аз пешгуфтор, ки дар он мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян гардидаанд, се боб, ки мазмуни умумии мавзӯъро муайян менамоянд, иборат мебошад. Диссертатсия аз 167 саҳифаи матни компютерӣ иборат буда, дар он 24 ҷадвал ва 7 расм ҷой дода шудааст. Рӯйхати адабиёт аз 169 номгӯй иборат мебошад.

## РӮЙХАТИ
## КОРҲОИ ЧОПШУДА ОИД БА МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

### А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:

[1-М]. Бобохонзода, Р.Х. Эволюция теоретических подходов к трактовке сущности понятия «протекционизма» [Текст] / Р.Х. Бобохонзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук: – Душанбе, 2018. – №9. – С.29-34 (0,9 п.л).

[2-М]. Бобохонзода, Р.Х. Характеристика основных форм протекционизма в международной торговле [Текст] / Р.Х. Бобохонзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук: – Душанбе, 2019. – №3(2). – С.194-198 (0,75 п.л).

[3-М]. Бобохонзода, Р.Х. Внутренний рынок Республики Таджикистан: современное состояние и меры его защиты [Текст] / Р.Х. Бобохонзода, Д.Б. Кодирзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук: – Душанбе, 2019. - №6. - С.5-10 (в соавторстве, авторских – 0,5 п.л.).

[4-М]. Бобохонзода, Р.Х. Механизм защиты внутреннего рынка республики Таджикистан в условиях членства в ВТО [Текст] / Р.Х. Бобохонзода, И.С.Шамсов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук: – Душанбе, 2020. -№3. -С.4136-143(в соавторстве, авторских – 0,5 п.л.).

### Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:

[5-М]. Бобохонзода, Р.Х. Инструменты защиты внутреннего рынка в условиях членства в ВТО [Текст] / Р.Х. Бобохонзода // Материалы международной научно-практической конференции «Актуальные проблемы информацинного общества в Республике Таджикистан:

состояние и перспективы развития» (г.Душанбе, 15 мая 2018 г.) –Душанбе, Таджикский национальный университет, 2018. - С.57-60 (0,4 п.л.).

[6-М]. Бобохонзода, Р.Х. О возможных мерах защиты отечественной промышленности в условиях членства Республики Таджикистан в ВТО [Текст] / Р.Х. Бобохонзода, И.С.Шамсов // Материалы IV-й международной научно – практической «Проблемы устойчивости социально-экономического развития в условиях глобализации: национальные и региональные аспекты» (г. Душанбе, 27-28 ноября 2018 г.) - Душанбе, Таджикский национальный университет, 2018. - С.505-509 (в соавторстве, авторских - 0,3 п.л.).

[7-М]. Бобохонзода, Р.Х. Экономический механизм защиты внутреннего рынка в условиях членства в ВТО [Текст] / Р.Х. Бобохонзода // Материалы международной научно-практической конференции «Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства» (г. Симферополь, 25-марта 2019 г.) – Симферополь, Крымский инженерно-педагогический университет, 2019. -С.352-356 (0,45 п.л.).

[8-М]. Бобохонзода, Р.Х. Совершенствование механизмов защиты промышленного рынка Таджикистана в условиях членства в ВТО [Текст] / Р.Х. Бобохонзода, И.С.Шамсов // Материалы республиканской научно-практической конференции «Стратегические подходы государственное и местное управление в условиях глобализации» (г. Душанбе, 5 апреля 2019 г.) - Душанбе, Таджикский национальный университет, 2019. -С.220-224 (в соавторстве, авторских - 0,3 п.л.).

[9-М]. Бобохонзода, Р.Х. Экономический механизм защиты внутреннего рынка в условиях членства в ВТО [Текст] / Р.Х. Бобохонзода // Материалы международную научно-практической конференциии «Финансово-кредитные механизмы регулирования и развития экономики стран СНГ» (г.Душанбе, 30 октября 2019 г.) – Душанбе, Российско - Таджикский (Славянский) университет, 2019. - С.55-59 (0,5 п.л.).

[10-М]. Бобохонзода, Р.Х. Мониторинг современного состояния и тенденции развития внутреннего рынка Республики Таджикистан в условиях членство в ВТО [Текст] / Р.Х. Бобохонзода, И.С.Шамсов // Материалы международной научно-практической конференции «Индустриализация страны и обеспечение устойчивое развитие экономики» (г.Душанбе, 27 февраля 2020 г.) – Душанбе, Таджикский национальный университет, 2020. - С.12-18(в соавторстве, авторских - 0,4 п.л.).

**Коркарди рисола.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ аз тарафи муаллиф дар конфренсияҳои илмӣ, назариявӣ ва амалии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърӯзаи илмӣ карда шудаанд.

Дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои «Иқтисодиёти ҷаҳонӣ» ва «Системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт» иштирок доштанд: ҳамагӣ – 31 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ – 18 нафар.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 18 нафар, муқобил - нест, бетараф-нест.

Хулоса дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои «Иқтисодиёти ҷаҳонӣ» ва «Системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт» -и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 25.01.2020 бо суратҷаласаи №6, қабул карда шуд.

Диссертатсияи Бобохонзода Раҷабалӣ Хайрулло дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ҳифзи бозори дохилӣ дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда, ба зинаи навбатии ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Раисикунанда:**
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии ДМТ ____________ Саидмуродова М.А.

**Котиб:**
дотсенти кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДМТ ____________ Абдураҳмонов Ф.А.

**Имзоҳои Саидмуродова М.А.**
**ва Абдураҳмонов Ф.А.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ ____________ Тавқиев Э.Ш.